**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи "Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Андоз сарчашмаҳои асосии даромадҳои буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷиҳати таъмини вазифаҳои давлат оид ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ равона гардидааст. Зарурати такмили низоми андоз дар шароити муосир аз бисёр ҷиҳат бо шароити ташкилӣ – ҳуқуқии идоракунии андозбандӣ ва сифати маъмурикунонии андоз муайян карда мешавад. Зеро ислоҳоти низоми андоз тақвияти муносибатҳои андозбандиро дар самти такмили қонунгузории андоз, сохтори андоз, маъмурикунонии андоз ва ғайра ба миён меорад. Яке аз самтҳои илоҳоти низоми андози кишвар ба миён гузоштани масъалаҳои рушди маъмурикунонии андоз мебошад. Зеро такмили маъмурикунонии андоз заминаҳои воқеии рушди низоми идоракунии андози мамлакатро таъмин менамояд.

Маъмурикунонии андоз яке аз унсурҳои асосии низоми идоракунӣ буда, самараноки фаъолияти мақомоти андозро иқтисодиёт таъмин менамояд. Маъмурикунонии андоз андешидани яқ қатор тадбирҳоро дар самти риояи қонунгузории андоз таъмин менамояд, ки боҳам алоқаманд гардидани муносибатҳои миёни давлат ва андозсупорандагонро дар хусуси фароҳам овардани шароит баҳри ворид гардидани андоз устувор мегардонад. Ҳамеша ҷиҳати рушди маъмурикунонии андоз корҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дар доираи салоҳияти мақомоти андоз ба вуҷуд меоянд, ки он барои қонеъ гардонидани талаботҳои хазинавии давлат истифода бурда мешавад..

Доир ба муҳимияти мавзуи таҳқиқотии дисертант қайд намудан бамаврид аст, ки такмили маъмурикунонии андоз яке аз самҳои асосии сиёсати андозии давлат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Имрӯзҳо мақомоти андоз тадбирҳои хусусияти навгонидоштаро баҳри манфиатҳои иқтисодии давлат ва ҷомеа бо роҳи ҷорӣ намудан ва тағйир додани усулҳои муосири андозситонӣ муайян менамояд, ки он баҳри фароҳам овардани шаффофияти воридоти андозҳо ва беҳтар гардидани сатҳи хизматрасониҳо ба андозсупорандагон мусоидат менамояд.

Дисертант дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда вазифаҳои механизми маъмурикунонии андозро, ки баҳри таъмин гардидани мақсад ва вазифаҳои мақомоти андоз равона гардида, амалӣ шудани ҳадафҳои пешгирифтаи сиёсати андозро ҷиҳати иҷрои тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумиати андози назди Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ менамояд, муайян намудааст. (расми 1, саҳ. 14 -уми автореферат).

Натиҷаи дигари диссертатсия, ки аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки таҳқиқот самти истифодаи хизматрасониҳои электронӣ (расми 3, саҳ. 16), раванди таъмини хизматрасониҳои электронӣ ва воридоти андозҳо ба буҷети давлатӣ (расми 4, саҳ. 17), инчунин баланд бардоштани самаранокии ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ асоснок гардида, бо назардошти зиёдшавии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ҳаҷми умумии даромадҳои буҷети давлатӣ дар давраи солҳои 2017-2022 ҳиссаи воридоти андозҳо нисбат ба ММД аз 18,8 то 23,4 фоизро ташкил намуд. (ҷадвали 3, саҳ. 18-уми автореферат).

Дар таҳқиқоти илмии диссертант сатҳи рушди маъмурикунонии андозро ба ҳолати имрӯзаи рақамикунонӣ муқоиса гардидааст, ки маъмурикунонии андоз шафофияти фаъолияти мақомоти андозро мехоҳад. (саҳ. 20). Ҳамчунин муаллиф ҳангоми таҳқиқоти илмии худ тавсияҳои назариявию амалӣ аз таҷрибаи андозбандии хориҷӣ ва гузаштан ба шароитҳои нави хизматрасониҳои фосилавиро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Бояд қайд намуд, ки мазмуну муҳтавоии асосии рисолаи илмӣ ба сохтори диссертатсия мутобиқат намуда, мақолаҳоӣ чопгардида мавзуи таҳқиқшавандаро пуррадар бар мегиранд.

Хулоса, мавзуи таҳқиқгардидаи Исматов А.Ф. самтҳои муҳими рушди низоми маъмурикунонии андозро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт фаро гирифта, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34, 35 ва дигар муқаррароти "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз:**
н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Дангара Қодирзода Х.Қ
Имзои Қодирзода Х.Қ - ро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳои ДДД** Тоирзода С.Т

**(Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25, E-mail: dddangara_2013@mail.ru Тел: (+992) 907-77-36-10

28. 11. 2024с